**МИРЗОҲУСАЙНИ БАДАЛИПУР**
*номзади илмҳои фалсафа*

# ШАХСИЯТИ РАСУЛИ АКРАМ (С) ДАР ҚУРЪОН




*Ба Мустафо бирасон хешро, ки дин ҳама Ӯст,*
*Агар ба Ӯ нарасидӣ, тамом Бӯлаҳабист.*
*(Муҳаммад Иқбол)*

Мавзӯи шахсияти Расули акрам(с) яке аз мавзӯъҳои асосӣ ва марказии Қуръони азимушшаън аст. Худованди баландмартаба беҳтарин ҳабибу баргузидаи худро дар каломи муборакаш бо чунин суханон ситоиш кардааст:

***(Худованд ва фариштагонаш бар Паёмбар дуруд мефиристанд. Эй касоне, ки имон овардаед, шумо ҳам бар вай дуруду салом бифиристед). Сураи «Аҳзоб», ояти 56).***

Шахсият ва қадру манзалати Паёмбари Худо аз ҳамин оят равшан мегардад, яъне Худованди азза ва ҷалла бо шаъну ҷалоли худ ва фариштагони маъсуму покаш дурудгӯи ӯ ҳастанд. Ҳикмати ин оят дар ҳушдори мардум аст, то мартаба ва мақоми Пайғамбарро дуруст бишиносанд.

Қуръони карим паҳлӯҳои гуногуни ҳаёту рӯзгор ва кору пайкори Расули акрамро фаро мегирад, ки баррасии ҳамаи онҳо дар ҳаҷми як мақола ва ҳатто якчанд китоб номумкин аст. Мо дар ин навиштаи мухтасар фақат ду ҷанбаи зиндагии ӯ, яке биъсат ва дигаре ҳазрати Муҳаммад(с) ҳодӣ ва мунодии сулҳ, бародарию баробарӣ барои башариятро дар асоси таълимоти Қуръон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор медиҳем.

Ҳаёт ва зиндагонии ҳазрати Муҳаммад (с) корномаи таърихӣ ва ҷовидонаву абадист. Рисолати ӯ оғози дунёи навину тафаккури ҷадид, андешаи солиму шинохти воқеии ҳастӣ, дарку фаҳми маърифати ҳақиқии зиндагист. Доир ба шахсият ва рисолати Муҳаммад (с) таълифот ва таҳқиқоти арзишноке сурат гирифтааст ва зиндагиномаи ӯ диққати олимону файласуфон, донишмандону муаррихон, ҷомеашиносону нависандагон ва ашхоси зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Пажӯҳиши олимони исломшиноси кишварҳои гуногун, донишмандони маъруфи исломӣ, эътиқодмандони дини ислом, муҳаққиқини ғайримусулмон ва шахсиятҳои алоҳида роҷеъ ба ин масъала хеле доманадор аст.

Боиси ифтихор ва хушнудӣ аст, ки қариб тамоми ин таълифот шахсияти беназири таърихӣ ва паёмбари охирзамон будани ҳазрати Муҳаммадро тавсифу қаламдод карда, рисолати ӯро бидуни шакку шубҳа эътироф намудаанд. Аввалин ва комилтарин таълифот ва китобҳо оиди зиндагӣ ва рисолату нубуввати расули Худо(с) бо номи «Сираҳо» ё «Сирату-р- Расул» маълуманд, ки машҳуртарини онҳо «Сира»-и Ибни Ҳишом ва Ибни Ҳалабӣ мебошанд. Аммо бо ин ҳама нигоштаҳо шинохти ҳақиқии Пайғамбари Худо(с) танҳо аз рӯи

Қуръон сурат мегирад, яъне Қуръон бозгӯкунандаи сарнавишт ва таърихи Паёмбар(с) аст. Шинохти воқеӣ ва ҳақиқии паёмбар аз Қуръон шурӯъ мешавад. Дар ин китоби илоҳӣ бо он, ки оятҳои зиёд дар бораи шахсияти Паёмбар(с) омадааст, сурае низ бо номи “Муҳаммад” вуҷуд дорад. Аз каломи Худои бузург гуворотар сухане ба ин маънӣ нест, ки ҳабибу баргузидаи худро дар ояти 107-уми сураи “Анбиё”ба ин сифат ба оламиён муаррифӣ кардааст:

***(Мо туро танҳо барои раҳмати оламиён фиристодем).***

Дар Қуръони карим Расули гиромӣ(с), бо номи худаш Муҳаммад дар чаҳор оят, аз ҷумла ояти 144-уми сураи «Оли Имрон», ояти 40-уми сураи «Аҳзоб», ояти 2-уми сураи Муҳаммад, ояти 29-уми сураи «Фатҳ» муаррифӣ шудааст, ки матни ин оятҳо чунин аст:

***1. (Ва Муҳаммад ба ҷуз паёмбар(каси дигар) нест; ба дурустӣ ки пеш аз вай паёмбарони дигар гузаштанд; оё агар бимирад ё кушта шавад, шумо ба оини пешини худ боз мегардед? Ҳар кас, ки ба ақибаш бозгардад, ҳеҷ зиёне ба Худо намерасонад. Худо сипосгузоронро подош хоҳад дод. Сураи «Оли Имрон», ояти 144 ).***

***2. (Муҳаммад падари ҳеҷ яке аз мардони шумо нест, валек расули Худо ва хотами паёмбарон аст ва Худо ба ҳар чизе доност. Сураи «Аҳзоб», ояти 40)***

***3.(Худо гуноҳи касонеро, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд ва ба он чӣ бар Муҳаммад нозил шуда, ки он ҳақ ва аз ҷониби Парвардагорашон аст, имон оварданд, бадиҳояшонро аз онҳо зудояд ва корҳояшонро ба салоҳ оварад. Сураи «Муҳаммад», ояти 2).***

***4.(Муҳаммад-паёмбари Худо ва касоне, ки ҳамроҳи ӯянд, бар кофирон сахгир ва бо якдигар меҳрубонанд. Онҳоро дар ҳоли рукӯъ ва суҷуд мебинӣ, ки аз Худо фазлу хушнудиро металабанд. Нишонаашон аз асари саҷда дар рӯйҳои онҳо аст. Ин(ки мазкур шуд), масали онҳо дар Таврот ва масали онҳо дар Инҷил аст. Онҳо монанди зироате ҳастанд, ки навдаи худро бароварад ва онро қавӣ кунад ва ситабр(ғавс) шавад ва бар соқҳои худ биистад; ва зироаткоронро ба шигифт меоварад, то ба сабаби онҳо кофиронро ба хашм орад. Худо аз миёни онҳо ба касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд, омурзиш ва подоши бузурге ваъда додааст. Сураи «Фатҳ», ояти 29).***

Ҳамчунин Паёмбари Худо(с) дар оятҳои зиёди сураҳои Қуръон бо номҳои Расул, Набӣ ва дар ояти 6-и сураи «Сафф» бо номи Аҳмад зикр шудааст. Дар оёти сураҳое, ки лафзи «Қул» (Бигӯ) омадааст низ

амри Худованд ба худи ҳазрати Муҳаммад(с) дар қиболи пурсиш ё посухе аст, ки аз эшон мардум суол кардаанд.

Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал муаллифи китоби "Зиндагонии Муҳаммад" менависад: «***Муҳимтарин вазифае, ки аз лиҳози хидмат ба илму ҳақиқат ва инсоният бар ӯҳда дорем, ин аст, ки дар таҳқиқи сирати Пайғамбар(с) ба қадри кофӣ диққат кунем, зеро ба ин васила инсоният ба сӯйи тамаддуне, ки дар ҷустуҷӯи он аст, роҳрав мешавад. Қуръон беҳтарин мадраки ин таҳқиқ аст, зеро китобест, ки ботил ба он намеомезад ва тардид дар он роҳ намеёбад, китобест, ки чордаҳ қарни тамом мундариҷоти он солиму беолоиш мондаву то ҷаҳон ба пост, чунон хоҳад монд, то гуфтори Худо содиқ шавад, ки мегӯяд:***

***(Мо Қуръонро фурӯ фиристодем ва Мо нигаҳбони он ҳастем. Сураи Ҳиҷр ояти 9).***

***Қуръон муъҷизаи Муҳаммад(с) аст ва аз он ҳангоме ки нозил шуда, то вақте, ки умри замин ба поён расад, пойдор хоҳад монд. Инобар ин, ҳар чи бо саргузашти Муҳаммад иртибот дорад, бо Қуръон татбиқ шавад. Агар ба он мувофиқ аст, саҳеҳ аст ва агар мувофиқ нест, саҳеҳ нест».(Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷ. 1.-С. 80).***

Худованди карим рисолати пайғамбарашро барои башарият дар чандин оятҳои сураҳои Қуръон таъкид кардааст. Аз ҷумла, ба як мазмун ояти "Ҳува-л-лазӣ арсала расулаҳу би-л-ҳудо ва дини-л-ҳаққи лиюзҳираҳу ъала-д-дини куллиҳи..." дар се сура - Тавба, Фатҳ ва Саф омадааст:

1.(Ӯ Он (Худой), ки паёмбари худро барои ҳидояти мардум бо дини рост фиристод, то онро бар ҳамаи динҳо ғолиб кунад, агарчи мушрикон нохуш шаванд. Сураи Тавба, ояти 33).

2.(Ӯ Он (Худой) аст, ки пағамбари Худро ба ҳидоят ва дини ҳақ фиристод, то онро бар ҳама динҳо ғолиб кунад ва Худо гувоҳ бас аст. Сураи Фатҳ, ояти 28).

Матни ояти 9-уми сураи «Саф» бо ояти 33-юми сураи «Тавба» як хел мебошад. Амри Худованд ба Паёмбар(с) бо воситаи Қуръон ин даъвати мардум ба худогоҳӣ, худшиносӣ, шинохти Ҳақ, бадар шудан аз гумроҳӣ ва залолат буд. Ба ин маънӣ дар оғози сураи «Иброҳим» омадааст:

(Алиф. Лом. Ро. (Ин) Китобе аст, ки онро бар ту нозил кардем, то ба фармони Парвардигор мардумро аз торикиҳо ба рӯшноӣ - ба сӯйи роҳи Худои тавонманду сутуда берун оварӣ).

Дар сураи Нисо ояти 105-ум бошад, Худованд ба Паёмбар(с) чунин амр мекунад:

(Мо Китоб ба ҳақ ба ту нозил кардем, то ба он сон ки Худованд ба ту нишон дод, дар миёни мардум доварӣ кунӣ ва тарафдори хиёнаткорон мабош).

Ояти 113-уми сураи зикршуда низ ба ҳамин мазмун далолат мекунад

(Ва Худованд китоб ва ҳикматро бар ту нозил кард ва ончиро намедонистӣ, ба ту омӯхт ва карами Худо нисбат ба ту бузург аст).

Сарчашмаи шинохти сирату сурат ва таъйиди рисолати ҳазрати Муҳаммад(с) низ Қуръони азумушшаън аст. Оятҳои зиёди қуръонӣ рисолат ва пайғамбарии ӯро таъкид менамоянд ва ба фиристодаи Худо будани ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Чуноне ки дар мавзӯи "Қуръон ва саргузашти паёмбарон" гуфта гузаштем, дар Қуръон номи 25 пайғамбар зикр гардидааст (Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф, Ясаъ, Юнус, Лут, Солиҳ, Ҳуд, Шуайб, Довуд, Сулаймон, Залкифл, Идрис, Илёс, Яҳё, Закариё, Аюб, Мӯсо, Ҳорун, Исо ва Муҳаммад) ва рисолати ҳар яке дар чандин оят баён шудааст. Қуръон бо он тоифаи мардуме, ки рисолати пайғамбарро инкор мекунанд ва шак меоранд, ҷавоби рӯшан медиҳад. Далели боэътимод ва асосӣ бар ҳар гуфтори ғаразнок ва бебунёди душманони Паёмбар(с) оятҳои Қуръон мебошанд. Мисол:

(Чуноне ки расуле аз миёни худатон бар шумо фиристодем, то оёти моро бар шумо бихонад ва шуморо пок месозад ва ба шумо Китобу ҳикмат меомӯзад ва он чиро намедонистед, ба шумо меомӯзад. Сураи Бақара, ояти 151).

(Чуноне ки расуле аз миёни худатон бар шумо фиристодем, то оёти моро бар шумо бихонад ва шуморо пок месозад ва ба шумо Китобу ҳикмат меомӯзад ва он чиро намедонистед, ба шумо меомӯзад. Сураи Бақара, ояти 151).

Таълимоти ислом, ки дар чаҳорчӯбаи арзишҳои қуръонӣ, бо оятҳои собиту муҳкам ва гуфтори возеҳу рӯшан аз тарафи паёмбари Худо(с) ба мардум арза гардида, ҷиҳати шинохту маърифати воқеии ҳаёту мамот онҳоро иршод кард. Бо пазируфтани ислом андеша, тафаккур ва ҷаҳонбинии қавми араб дигар шуд ва аз ширку

бутпарастӣ, залолату гумроҳӣ раҳо ёфт. Барои нишондоди ҳаёти ин давраи арабҳо фақат як далели дигарро боз аз китоби «Зиндагонии Муҳаммад»-и Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкали меоварем: ***«Арабҳо дар парастиши бутҳо тариқи мухталиф доштанд… Бутҳо аз лиҳози эҳтирому мартаба тақаддус (қудсият.-М.Б.) мутафовит буданд. Ҳар як қабила буте доштанд, ки онро мепарастид. Бутҳои араб се қисм буд: санаму васан ва нусуб. Санам ба шакли инсон аз чӯб ё филиз сохта мешуд, васан ба шакли инсон аз санг тарошида мешуд: нусуб санге буд, ки шакли муайяне надошт. Ҳубал аз ҳама бути бузурги арабҳо буд, ки аз ақиқ ба шакли инсон сохта шуда буд. Ҳубал аз ҳама худоёни араб бузургтар буду дар Макка ҷой дошт ва зуввор (зиёраткунандагон-М.Б.) аз гӯшаву канор ба зиёрати он меомаданд. Вале арабҳо ба ин бутҳо иктифо намекарданд, балки ҳар як аз онҳо санам ё нусубе дар хонаи худ доштанд, ки ҳар вақт аз хонаи худ берун мерафтанд, ё ба хона бармегаштанд, даври он тавоф мекарданд ва барои мусофират аз он иҷозат мегирифтанду онро ҳамроҳ мебурданд. Тамоми бутҳо, чӣ онҳо, ки дар Макка ва атрофи Каъба ҷой доштанд ва чӣ онҳо, ки дар соири навоҳии Арабистон пеши қабоили мухталиф буданд, восита миёни Худову бандагон ба шумор мерафтанд. Ба ин ҷиҳат арабҳо парастиши бутонро василаи тақарруб ба Худо медонистанд, вале дар натиҷаи парастиши бут парастиши Худоро фаромӯш кардаву воситаро ба ҷои мақсуд гирифта буданд».( Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷ.1.-С.97).***

**Аз таърих ба мо маълум аст, ки фақат дар атрофи хонаи Каъба 360 бут гирди ҳам гузошта шуда буд. Дар Қуръон бошад, дар сураи Нӯҳ, ояти 23 ва дар сураи Наҷм оятҳои 19-21 дар хусуси бутҳои арабҳо: Лот, Манот, Уззо Вадд, Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Наср гуфта шудааст.**

Рӯшан аст, густариш ва интишори дини мубини ислом бо оғози нубуввати Паёмбари акрам(с) ва нузули Қуръон ба солҳои 610-632 вобастагӣ дошта бошад, футӯҳоти бештару дини ҷаҳонӣ гардидани он ба даврони халифаҳои рошид: Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ (632-661), салтанати Умавиёну Аббосиён ва асрҳои баъдина рост меояд.

Ғояи ***«табармусулмон»***шудани қавму миллатҳои мухталифи олам бебунёд, беарзиш ва дур аз ҳақиқат аст, чунки он чӣ бо роҳи зулму тааддӣ ё тарсониданy маҷбур кардан анҷом ёбад, охири охир нестӣ ва завол дорад. Таърих инро собит кардааст ва худ диалектикаи

инкишофи ҷомеаи инсонӣ тафаккури иҷборӣ ва зӯроварии ҷисмониро таҳаммул намепазирад.

Ливои Муҳаммадӣ бо шиори ***«Ло илоҳа илла-л-Лоҳу»*** ва таълимоти собити қуръонӣ

(Ҳар оина дин дар назди Худо дини ислом аст. Сураи Оли Имрон, ояти 19) барафрошта шуд.

Хитоби Қуръон ба тамоми мардум бо нидои ***«Аййуҳа-н-нос»***шурӯъ гардида, бо (сураи Бақара ояти 256) қобили қабул шуд.

Барои фаҳмиши умум ҳикмати ин оятҳои қуръониро шарҳ медиҳем. Пайғамбари Худо(с) бо даъвати қуръонии «Аййуҳа-н-нос» ливои бародарӣ ва баробарӣ ва сулҳу осоиштагиро барои мардум баланд сохт. Ин нидо нидои малакутии Худованди арзу само ба воситаи Ҷабраил(а) ба Муҳаммад(с) буд. Ин сухану хитоби илоҳӣ барои тамоми башарият ва инсоният буд. Инсонҳое, ки новобаста аз баромади иҷтимоӣ, миллату нажод, авлоду қавмият, ба Худои яккаю ягона, расулони вай, китобҳои вай, тақдиру сарнавишти илоҳӣ, дунё ва охират, рӯзи қиёмат, биҳишту дӯзах, умуман дини мубини ислом ва шариати муҳаммадӣ имон оварданд, муъмин (имондор) ва муслим (таслимшуда дар роҳи Худо) ном гирифтанд. Сухани илоҳӣ бо нидои «Аййуҳа-н-нос» дар сураҳои Бақара, оятҳои 21, 168; Нисо, ояти 1, 133, 170, 174; Аъроф, ояти 158; Намл, ояти 16; Юнус, 23, 57, 108; Ҳаҷ, оятҳои 1, 4, 49, 73; Луқмон, ояти 33; Фотир, оятҳои 3, 5, 15; Ҳуҷрот, ояти 13 омадааст. Ин ҷо мазмун ва ҳикмати оятҳо мухталиф аст, вале масъалаи сари даъвати умумии қуръонии «Аййуҳа-н-нос» меравад. Ин хитоби илоҳӣ дар баъзе оятҳо ба сурати «Ё аюҳа-л-лазина ом ану» (Эй онҳое, ки имон овардаед) дар сураҳои зиёди Қуръон низ омадааст, ки ин ибтидои дунёи навини ҳастии инсонҳо, ибтидои арзи ҳастӣ кардани фард ва шахсияте бо номи мусулмон, афрод ва шахсиятҳое бо номи муслимин ё мусулмонон, ҷомеаи навин бо номи уммати мусулмон буд. Ин ибтидои ҳамбастагӣ ва ҳамзистӣ, ҳамдилӣ ва ҳамраъйӣ, дӯстию бародарӣ, баробарии мардуми мусалмон буд, ки то дунё боқист, иншоаллоҳ давом мекунад.

Пайғамбар(с) роҳи дуруст, роҳи саодати комили дунё ва охират, роҳи мустақимро барои инсонҳо дар асоси таълимоти Қуръон нишон дод. Ин ҳамон роҳи ҳамбастагию ҳамдилӣ, ваҳдату иттиҳод, сулҳу дӯстӣ ва бародарию баробарӣ буд, ки Қуръон барои башарият ба армуғон овард:

1.(Мард умумммати ягона буданд, пас Худо паёмбарони башоратдиҳанда ва бимкунандаро фиристод ва бо онҳо Китобро ба ростӣ нозил кард, то (он Китоб) миёни мардум дар он чи, ки ихтилоф карданд, ҳукм кунад ва ба ҷуз касоне, ки ба онҳо Китоб дода – баъд аз он ба онҳо нишонаҳо омад аз рӯйи ҳасад дар миёни хеш ки нисбат ба ҳам варзиданд, дар он (касе) ихтилоф накард. Пас Худо ба иродаи худ муъминонро ба он ҳақ, ки дар он ихтилоф карданд, роҳ намуд ва Худо ҳар киро хоҳад ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Сураи Бақара, ояти 213).

2.(Эй мардум, мо шуморо аз мард ва зане офаридем ва шуморо қавмҳова қабилаҳо кардем, то якдигарро бишносед! Ҳароина гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Худованд донои огоҳ аст. Сураи Ҳуҷурот, ояти 13).

3. (Ҳамагӣ ба ресмони Худо чанг бизанед ва пароканда нашавед ва неъмати Худоро бар худатон ба ёд оваред, ки чӣ гуна душмани якдигар будед, пас дилҳоятонро ба ҳамдигар меҳрубон кард ва ба лутфи Ӯ бародар шудед, ҳол он ки бар лаби чуқурие аз оташ будед, пас Худованд шуморо наҷот дод. Худованд бад ин сон оёташро бароятон баён мекунад, то ҳидоят шавед. Сураи Оли Имрон ояти 103).

То пайдоиши ислом адёни зиёди қавмию миллӣ зуҳур карда буданд, ки дорои таълимоти муайян ва пайравони зиёд буданд. Сухан ин ҷо аз он меравад, ки ислом чӣ гуна қабул гардид ва густариш ёфт. Қавмҳои араб пеш аз ислом эътиқоди сохти бутпарастӣ, эътимод ба дини яҳудӣ, насронӣ ва зардуштӣ доштанд. Аз дин бедин кардани мардум ё гаравиш ба дину мазҳаби дигар кори хеле мушкилу сангин аст.

Аз ин хотир, рисолати Паёмбар (с) ва таълимоти ӯ дар асоси ғояҳои Қуръон инқилоби фикрию фитририро аввалан дар байни арабҳо ва баъдан барои башарият ба миён овард. Пазируфтани ислом, агарчи аз хонавода, наздикон ва саҳобагони Паёмбар(с) шурӯъ гардид, дар муддати кӯтоҳ қавму қабила ва халқиятҳои зиёдеро фаро гирифт. Бо фаҳму дарки моҳият ва мазмуни таълимоти дини нав, яъне дини ислом, мардуме, ки эътимод ва эътиқоди чандинасраи қавии динии аҷдодӣ доштанд, агарчи яҳудӣ, масеҳӣ ва ё зардуштию бутпараст буданд, аз расму оини аҷдодии худ даст кашиданд, ҳарчанд барояшон кори хеле сангин маҳсуб мешуд. Аммо мардум дарк карданд, фахмиданд ва шинохтанд, ки ислом дини ростин ва ҳақиқӣ аст. Худованд на ин бутҳои беҷону сохташуда, балки Худои ҳамеша

зиндаву қоими қуръонӣ аст, Қуръон китоби Худо ва Муҳаммад расули Ӯст.

Бузургтарин ҷанбаи таълимоти қуръонии Муҳаммад(с) ба мардум шиносонидани ҳастии Худованд буд, Худои якка ва ягона, бемислу монанд, ҳамеша зиндаву қоим, ҳоким, олим, ғафуру раҳим, самиъу ъалим…

Оятҳои қуръонӣ:

1.(Худо яктост ва ҷуз ӯ маъбуде нест, зиндаи поянда аст. Сураи Бақара, ояти 255).

2.(Ӯст аввалу охир ва зоҳиру ботин ва Ӯ ба ҳар чизе доност. Сураи Ҳадид ояти 3).

3.(Ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест, ки Ӯ шунавову биност. Сураи Шуро, ояти 11).

4. (Ӯ Худое аст, ки ҷуз Ӯ худое нест. Ӯ донандаи ниҳону ошкоро, Ӯ бахшояндаи меҳрубон аст. Ӯ Худое аст, ки ҷуз Ӯ маъбуде нест, фармонраво, муназзаҳ, эминбахш, муҳаймин, пирӯзманду шоистаи бузургӣ ва соҳиби кибриё аст. Ӯ Худое аст ҳастибахш, бавуҷудоваранда, нақшбанди ҳастӣ ва дорандаи некӯтарин номҳо ки он чӣ дар осмонҳо ва замин аст, тасбеҳгӯи Ӯ ҳастанд ва Ӯ ғолиби боҳикмат аст. Сураи Ҳашр, оятҳои 22-24).

Ҳадаф аз ин мисолҳо он аст, ки нишон диҳем дини ислом аз рӯзи пайдоиш, ки бо таълимоти Қуръон асос ёфт, ифодагари ниёзҳои мардум шуд, яъне ҷомеаи инсонӣ ҳангоме аз таълимоти Қуръон ва суннат огоҳӣ ёфт, онро ба хушнудӣ қабул ва истиқбол кард ва сарчашмаи ибодат, аъмол, эътимод, эътиқод, андеша, тафаккур, кор ва амали худ қарор дод. Раванди тӯлонии ҷомеаи башарӣ аз давраи ислом то ба имрӯз нишон дод, ки он ҳар чӣ бештар ба таълимоти ростину поки Қуръон ниёзманд аст.

Маҳз таълимоти комилу возеҳ, муайяну муназзами Қуръон, ҷанбаҳои мухталифи гаронарзиши таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, эстетикӣ, ҳастишиносӣ, маърифатӣ ва мантиқии он буданд, ки миллати кӯчиву бодиянишини арабро ба миллати воҳиди тавоно табдил дод ва баъдан бечуну чаро қобили қабули тамоми мардуми нимҷазираи Арабистон ва шимоли қораи Африқо, кишварҳои Шарқи Наздику Миёна, Осиё ва Аврупо гардид. Фарз кардем, ки арабҳо ва мардуми Осиёи Миёна табармусулмон бошанд, халқияту қавмҳои кишварҳои дар боло зикршуда чӣ?

Ислом дини озодӣ ва адолат, фарҳангу тамаддун буд ва ҳаст. Рисолати аввалиндарачаи Паёмбари Худо(с) ба чаҳониён ҳамин инқилоби фикрию фитрӣ дар асоси таълимоти Қуръон буд.

Ҳамин ғояҳои боарзиши қуръонӣ буданд, ки дар муддати хеле кӯтоҳ тамаддуни исломӣ арзи ҳастӣ намуд, илму фарҳанги бесобиқаро ба миён овард ва барчастатарин нобиғаҳои оламшумулро дар маҳди худ парвариш кард ва ба камол расонид, ҳатто дар хилофати Кордоваи Андалус (Испания) бузургоне чун Ибни Арабӣ, Ибни Боча, Ибни Туфайл ва дигарон, ки чеҳраҳои шинохтаи фарҳанги исломанд. Маъруфтарин бузургмардони илму адаби мо, ҳофизони Қуръон, донандагони Қуръон, афроди ошно бо Қуръон ва таълимоти Паёмбар(с) буданд. Ин занчири пайваст аз он давра то ба замони мо чунон аст, ки ҳатто устод Садруддин Айнӣ рисолае бо номи ***«Тартил-ул-Қуръон»***-ро дорад.

Гузашта аз ин, дар давраи давлатдории Сомониён арзишмандтарин коре, ки вазирони бомаърифати он анчом доданд, тарчума ва тафсири Қуръони карим ба забони форсӣ-точикӣ аст. Адабиёту фарҳанги 1400-солаи моро бе фарҳанги исломиву қуръонӣ, ҳадису суннати Расули Худо(с) тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Барои донистани зиндагиномаи Паёмбари акрам шарҳу эзоҳи оятҳои Қуръон аз рӯи тафсирҳои муътабар сарчашмаи асосист. Рисолати Паёмбари худро Худованди азза ва чалла дар чандин оёт таъкид сохтааст ва ин амри муборак дар сураҳои «Бақара» ва «Фотир» оятҳои 119-ум ва 24-ум бо як мазмун:

(Мо туро ба ҳақ башоратдиҳанда ва ҳушдордиҳанда фиристодем) ва ояти 105-уми сураи «Исро» ва ояти 56-уми сураи «Фурқон» бо чунин мазмун:

(Ва нафиристодем туро магар башоратдиҳанда ва бимдиҳанда-(яъне расонандаи амри Худо бар инсонҳо ва ҳушдордиҳанда аз рӯзи қиёмат) дар ояти 48-уми сураи «Аҳзоб» ва ояти 8-уми сураи «Фатҳ» оятҳои бошад, ба як маънӣ:

(Эй Паёмбар! Мо туро гувоҳ ва башоратдиҳанда ва ҳушдордиҳанда фиристодем) ва ояти 28-уми сураи «Сабо»:

(Туро ба паёмбарӣ фиристодем, бар ҳамаи мардум, муждадиҳандаву бимдиҳанда, вале бештари мардум намедонанд) омадааст.

Воқеан, ин рисолате буд, ки ҳазрати Муҳаммад(с) се кору амали таърихӣ ва човидонаро бояд анчом медод

Якум, ӯ шоҳид ва фиристодаи Худо аз баҳри таълимоти навин буд, ки инқилоби азимеро дар тафаккур, андеша, аъмол ва зиндагии мардум бояд ба амал меоварад.

Дуюм, Муҳаммад(с) башоратдиҳандаи оғози зиндагии нав, раҳоӣ ёфтани инсонҳо аз бардагию ғуломӣ, берун шудан аз асорати ҷисмонию рӯҳӣ, бадар шудан аз гумроҳию залолат, дарёфтани саодати ҷовид ва абадӣ, шинохтани маънӣ ва мазмуни ҳақиқии ҳаёт, таъмини ваҳдату ҳамбастагӣ, дӯстию бародарӣ, адлу дод дар ҷомеаи башарӣ буд. Ин башорат ва муждаи илоҳӣ нидои озодӣ ва хушбахтии ҳамешагӣ ба инсонҳое, ки роҳи мустақимро пеш мегиранд, ба воситаи Паёмбари худ буд.

Сеюм, Муҳаммад (с) ҳушдордиҳанда ва бимдиҳандаи мардум баҳри шинохти воқеии зиндагӣ буд. Даъвати ҳазрати Муҳаммад (с) бо хитоби илоҳӣ на барои тарсу ваҳми зиндагӣ аз табоҳии молу ҷалол, сарвату шӯҳрат, роҳбару сарвар буд, балки ба хотири ҳадафнок ва самарабахш гузаронидани умри якбора аст. Ин тарс, тарс аз ғазаби Худо, аз рӯзи қиёмат аст. Ин тарс ҳушдор ва ин бимдиҳӣ баҳри масъулияти имонӣ ва виҷдонӣ, фардӣ ва иҷтимоии шахс дар назди худ, ҷомеа ва Парвардигораш аст. Ин ҳушдор дар бисёре аз оятҳои сураҳои Қуръон гуфта шудааст, ки маънӣ ва мазмуни онҳо амали солеҳ кардан, фарзи Худоро ба ҷо овардан, умрро бар ҳадар нагузаронидан, хайрхоҳу нафърасони ҷомеа ва мардум будан аст. Волотарин арзише, ки Паёмбари Худо(с) дар қатори муъҷизаи ҷовидонааш Қуръон ва Ҳадис барои башарият овард, таъмину таъкиди ормонҳои олӣ ва наҷиб баҳри сулҳ ва дӯстию бародарӣ буд. Мусаллам аст, ки сулҳ ва дӯстӣ ва бародарӣ омилҳои муҳимтарини назму суботи ҷомеа ва ҷаҳонанд.

Ҳазрати Муҳаммад (с) Паёмбари воломақоми Худост, ки дар роҳи сулҳу субот, дӯстию бародарии ҷомеаи ҷаҳонӣ, хусусан муъминону мусулмонон хидматҳои шоиста анҷом дод ва бузургтарин сарчашмаи маърифат ва саодат Қуръон ва Ҳадисро ба ёдгор монд. Қуръон ва Ҳадис аз манбаъҳоеанд, ки дар сафаҳоти онҳо аҳаммияту арзиши ин се мафҳум: сулҳ, дӯстӣ ва бародарӣ борҳо зикр ёфтаанд.

Гузашта аз ин, зиндагӣ, кирдор, амалу рафтори Паёмбар(с) таҷассуми кӯшишу ғайрати ҳамешагии ӯ дар роҳи расидан ба сулҳ, дӯстӣ ва бародарӣ аст. Муносибат, муошират, андеша, гуфтор, ақида, афкор, ахлоқ ва ҷаҳонбинии ин абармарди хирад аз хурдсолӣ то давраи балоғат ва аз балоғат то биъсат зуҳур ва нишонаи сулҳ, дӯстӣ ва

бародарӣ аст. Лақаби «Амин»-ро гирифтани Муҳаммад(с) дар давраи ҷавонӣ, ки дурахшонтарин сифатҳоро ба худ касб карда буд, шаҳодати ин гуфтаҳоянд. Чунонеки дар мавзӯи «Ахлоқ дар Қуръон» ёдрас шудем, хулқу атвори ҳамидаи Паёмбарро Худованд дар китоби худ дар сураи Қалам, ояти чорум таъкид сохтааст, ки фаротар аз ин гуфтаҳоянд:

(Ва ту бар хулқе азим ҳастӣ).

Маънии ин ояти карима ин аст, ки ***«Эй Муҳаммад, туро бо хулқи азим ва ахлоқи сутуда ба оламиён фиристодам».***

Муҳаммад (с) ҳамеша барои он кӯшиш кард, ки бо даъвати мардум ба дини ҳақ онҳо дарк намоянд, ки таълимоти гуногунҷабҳаи Қуръон ва шариати исломӣ сулҳ, дӯстӣ ва бародариро меҳак ва меъёри асосии пешрафт ва инкишофи ҷомеа ва башарият медонанд. Даъвати муҳаммадӣ барои сулҳу дӯстӣ ва ваҳдату ягонагӣ бо нидои қуръонӣ:

(Оштӣ ва сулҳ беҳтар аст. Сураи Нисо, ояти 128) ва

(Ҳар оина муъминон бародаранд. Миёни бародаронатон оштӣ биафканед ва аз Худо битарсед, бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред. Сураи Ҳуҷурот, ояти 10) шурӯъ мегардид ва садо медод.

Як мисоли дигар аз матни ояти Қуръони карим

«(Эй муъминон, ҳамагӣ дар сулҳ ва оштӣ дароед ва аз гомҳои шайтон пайравӣ накунед, ки ӯ душмани ошкори шумост. Сураи Бақара, ояти 208).

Қуръон китобест, саршор аз оятҳои дорои маънӣ ва мазмуни сулҳу оштӣ, дӯстию бародарӣ ва ваҳдати ягонагӣ, ки шарҳу тавзеҳи онҳо дар ҳаҷми як мақола аз имкон берун аст.

Сарчашмаи дигари шинохти рисолату асолати паёмбари сулҳу оштӣ, дӯстию бародарӣ ва ваҳдату ягонагӣ будани Муҳаммад(с) ҳадисҳои ӯянд. Ҳадисҳои Паёмбари акрам (с) дорои ҳикмати бузурганд, ки тамоми масоили зиндагиро аз қабили иҷтимоиёт, иқтисод, сиёсат, фарҳанг, ахлоқ, таърих, зебоишиносӣ ва ғайра фаро мегиранд. Ин ҳадисҳо фалсафаеро дар худ доро мебошанд, ки роҳҳои саодати олӣ ва хушбахтии ҳамешагиро барои инсонҳо муаррифӣ мекунанд ва пеш аз ҳама василаи худшиносӣ, худогоҳӣ ва худошиносии инсонро таъмин месозанд. Тараннуми сулҳу дӯстӣ ва бародарии одамон дар фармудаҳо ва гуфтаҳои Расули Худо(с) хеле зиёд аст, ки чанд мисол:

Асоси ақл, пас аз имон ба Худо – дӯстӣ бо мардум аст.

Мардум чун дандонаҳои шона (ҳама бо ҳам) баробаранд.

Мардум мисли маъданҳои тилло ва нуқраанд.

Муъминон чун масолеҳи як сохтмонанд: ҳама якдигарро нигоҳ медоранд.

Муъмин оинаи муъмин аст.

Муъмин бародари муъмин аст.

Мумкин нест, муъмин сер бошад ва ҳамсояаш гурусна.

Беҳтарин мардум он аст, ки беш аз ҳама ба мардум суд расонад.

Кирдори неку хушхӯист.

Мадоро бо мардум садақа аст.

Муъмин нисбат ба муъмин чун сар нисбат ба тан аст.

Ҳар кӣ як ваҷаб аз ҷамоат дур шавад, тавқи ислом аз гардан бардоштааст.

Ахлоқи олӣ аъмоли биҳиштиён аст.

Дӯстӣ бо мардум нисфи ақл аст.

Дасти Худо ҳамроҳи ҷамоат аст.

Ҳар кӣ шукри мардум накунад, шукри Худо накарда.

Муъминон дар дӯстӣ ва тараҳҳум ба якдигар чун аъзои якпайкаранд: вакте узве аз он тамоми ҷасад ранҷур шавад, дигарон ҳам дар бехобиву таби он ширкат мекунанд.

**Давоми салтанат дар сояи адолат аст.**

**Рафоҳи зиндагӣ дар сояи амният аст.**

Савоби ду ибодат аз ҳама зудтар мерасад: эҳсон ба хешованд ва ёри ситамдида ва кайфари ду гуноҳ аз ҳама сареътар дода мешаванд: аз хешон буридан ва ба мардум ситам кардан.

Некхӯйӣ ва хушҳамсоягӣ хонаҳоро ободу умрҳоро дароз мекунад.

Ду бародар чун ду дастанд, яке дигареро мешӯяд.

Се чиз рафоқату дӯстиро холису беолоиш мекунад: айби рафикро ба вай гуфтан, пушти сар обрӯяшро ҳифз кардан, кӯмак ба ҳангоми сахтӣ.

Худо чаҳор чизро ба чаҳор чиз қарор дода: баракати илмро дар эҳтиром ба устод, бақои имонро дар таъзими (бузургдошти) Худо, лаззати зиндагиро дар некӣ ба падару модар, озодӣ аз ҷаҳаннамро дар озор накардани мардум.

Беҳтарин садақаислоҳи байни мардум (оштӣ додан) аст.

Давлати подшоҳон ба адолат аст.

Шарти дӯстӣ тарки ранҷу такаллуф аст.

Бо мардум бо хушхӯйӣ рафтор кун...

Албатта, аз ҳадисҳои гуҳарбори Расули акрам оид ба ин масъала метавон садҳо намуна овард. Маҳз таълимоти бесобиқа ва беназири ӯ заминаи таърихии пайдоиши ҷаҳонбинии исломӣ, танзимкунандаи рафтору кирдори ҷомеаи муслимин ва фарди мусалмон, бунёди арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, моддӣ, динӣ ва адолати иҷтимоӣ гардида, гуманизми исломиро ба миён овард.

Ин ҳадисҳо дар муътабартарин китобҳои муҳаддисини машҳури олами ислом Имом Бухорӣ, Ибни Муслим, Имом Тирмизӣ, Ибни Моҷа, Абудовуд, Шуъайн Ибни Алӣ Насоӣ ва дигарон гирдоварӣ шудаанд.

Сарчашмаи дигар дар робита ба паёмбари сулҳу дӯстӣ ва бародарӣ будани ҳазрати Муҳаммад(с) зиндагии ибратбахши ӯст, ки мо дар боло каме ба ин масъала ишора кардем. Агарчи рисолати ҷаҳонии худро Паёмбар(с) баъди оғози ваҳӣ ва нубувват эълон карда бошад, то ин дам бо ахлоқи ҳасана ва накӯву писандида дар байни қавми худ, қабилаҳои гуногуни араб ва умуман мардуми Макка ва гирду атрофи он обрӯ ва эътибори хосса пайдо карда буд. Шайх Сафиюрраҳмон Муборакпурӣ дар китоби хеш "Гулшани торих" менависад: ***"Паёмбар(с) бо расидан ба синни камол ба тиҷорат ва додуситад бо мардум пардохт... Дар рафти муомила ва сару кор гирифтан бо мардум дар тамоми арсаҳои зиндагӣ бо амонатдорӣ, сидқ ва покдоманӣ маъруф гардид. То ин, ки мардум Ӯро бо лақаби Амин (амонатдор) ёд мекарданд. Он ҳазрат аз айёми туфулат ва хурдсолӣ бо ақли солим, истеъдоди комил, тавоноиҳои саршор, ҷанбаҳои покӣ ва пояҳои мардонагиву ҳимматбаландӣ рушд ёфта, бо авсофи сутуда ва шамоилу ахлоқи писандида ба камол расид. Намунаи олӣ аз фикри расо, андешаҳои борикбин, биниши такомулёфтаи инсонӣ ва сардастаи оростагон ба макорими ахлоқ ва маҳосини адаб ба шумор мерафт. Бо сидқи амонат, мурувват ва шуҷоат, адлу ҳикмат, покдоманӣ ва порсоӣ, ҳилму қаноат, сабурӣ ва қадршиносӣ, ҳаёву вафо ва бурдбориву хайрхоҳӣ мавсуф ва чун ситораи тобнок аз дигарон мумтоз буд.***

***Пайвандкунандаи робитаи хешу таборӣ, маҳкамсозандаи дӯстиву садоқат ва мададгор дар корҳои вазнину камаршикан буд. Одамонеро, ки роҳу равиши зиндагиро гум карда буданд, дастгирӣ менамуд, то касбе ба даст оваранд. Аз меҳмон навозиш мекард ва ба суроғу кӯмаки мусибатзадагон мешитофт". (Шайх Сафиюрраҳмон Муборакпурӣ. Гулшани торих. Тарҷумаи Орифи Муъмин.-С. 20-25).***

Оғози рисолат ва нубуввати Расули акрам(с) дунёи навини ҳастӣ, дарку фаҳми воқеии ҳаёт аст. Барои ҳадафҳои худро пиёда кардан, барои расондани эъҷози Қуръон ба мардум, барои худшиносӣ ва маърифати ҳақиқии инсонҳо баъди биъсат ӯ тамоми умри худро сарф кард. Барои иҷрои ин ҳадафҳои олӣ барои Паёмбар(с) волотарин арзиш ба вуҷуд овардани сулҳу ваҳдат, бародарию баробарӣ аввалан дар байни қавму қабилаи хеш, баъдан тамоми мардуми араб ва нимҷазираи Арабистон буд. Паёмбари Худо(с) фалсафаи ин равиш, ин корро ба хубӣ мефаҳмид, ки ин дини ҳақ, агарчӣ пазируфтанаш аз наздикону пайвандони ӯ шурӯъ гардид, баъдан доираи зиёди мардумро фаро мегирад ва ҷаҳонро мусаххар месозад. Барои ҳамаи ин пеш аз ҳама Паёмбар(с) медонист, ки дар байни қавму қабоили араб, ки ҳамеша ба ҷангу ҷидолу хунрезӣ, кашмакашу ғоратгарӣ, ширку бутпарастӣ машғул буданд, як низоми нави зиндагиро ба вуҷуд овардан лозим аст. Ин рисолати таърихии Паёмбар(с) маҳз бо фаҳмондани мардум аз арзишҳои ин се мафҳум: сулҳ, дӯстиву бародарӣ ва муқаддаман эътимод ва имон ба Худои яккаву ягона шурӯъ ёфт.

Дар давоми 23-соли рисолати хеш Паёмбари Худо(с) дар роҳи дӯстиву бародарӣ ва баробарии мардум корҳоеро анҷом дод, ки дар таърихи башарӣ назир надоранд. Симои сулҳофаринӣ ва даъват ба бародариву баробарии Паёмбар(с) дар ҳама кору пайкори ӯ ба чашм мерасад. Аз ҷумла, аз рӯзҳои аввали даъват ба ваҳдату ягонагӣ, аҳди бародарӣ бастан миёни муҳоҷирин ва ансор, ташкили ҷомеаи исломӣ ва уммати исломӣ, ҷиҳоду ғазваҳои шахсии ӯ, ирсоли номаҳо ба подшоҳу салотини мухталиф, далели ин суханони мо мебошанд.

Масалан, дар аҳдномае, ки Паёмбар(с) дар Мадина байни мусалмонон ва ду тоифаи дигар баст, дар қисмати ҳафтуми қарордоди он чунин омада аст: ***“Сулҳи мусулмонон яктост, яъне дарвозаи сулҳ ба рӯйи ҳамагон боз аст”.(Шайх Сафиюрраҳмон Мубаракпурӣ. Гулшани торих. Тарҷумаи Орифи Муъмин. – 2000.-С. 149).***

Ё дар шартҳои сулҳи Ҳудайбия байни Расули Худо(с) ва қурайшиҳо, номаи Паёмбар(с) ба Наҷҷошӣ Асҳам ибни Абҷар – подшоҳи Ҳабаша, даъватномаи Паёмбар(с) ба Муқавқис-подшоҳи Искандария, номаи Паёмбар(с) ба Кисро-подшоҳи Форс, номаи Паёмбар(с) ба Қайсар подшоҳи Рум, мактуби Паёмбар(с) ба Ҳорис ибни Абишамр – амири Димишқ, номаи Паёмбар(с) ба подшоҳи Ямома – Ҳавза ибни Алӣ, даъватномаи Паёмбар (с) ба шоҳзодаи Уммон-

Ҷаъфар ва бародараш аз гомҳои Паёмбари Худо(с) дар роҳи сулҳу дӯстӣ ва бародарӣ дарак медиҳанд. Дар арзиши сулҳи Ҳудайбия Шайх Сафиюрраҳмон Муборакпурӣ менависад: *“Ин сулҳ дар масири даъвати исломӣ таъсири бузурге ба ҷо гузошт, зеро мусалмонон баъд аз ин тавонистанд даъваташонро ба оммаи араб бирасонанд. Дар асари ин мардуми зиёде ба ислом гаравиданд, ки шумораашон дар муддати ду сол ба он ҷое расид, ки дар муддати нуздаҳ сол нарасида буд».(Шайх Сафиюрраҳмон Муборакпурӣ. Гулшани торих.-С. 233).*

**Талош ва захматҳои хастанопазири Паёмбари гиромӣ баҳри интишори ислом боз дар он аст, ки беш аз** ***185 нома*****ба шахсиятҳои гуногуни маънавӣ ва сиёсӣ ирсол намудааст, ки аз фарҳанги волои ӯ дар таблиғ ва даъват дарак медиҳанд.**

Ғазавоте, ки Паёмбар(с) ба хотири интишори ислом анҷом дод, аз қабили Бадр, Уҳуд, Аҳзоб (Хандақ), Тоиф ва ғайра низ хислати сулҳомез доштанд. Ҳарчанд душманон ва бадбинони ислом ин воқеиятро бо назари хусумату адоват арзёбӣ мекунанд, аммо ҳақиқати ҳол дигар аст. Барои тақвияти ин гуфтаҳо боз як далели дигар аз китоби Гулшани торих: *“Дар замони ҷоҳилият мафҳуми ҳарб яъне куштор, хунрезӣ, хароб сохтан, ғорат намудан, резондани обрӯ, фасод дар замин, талаф додани насл ва зироат бидуни раҳму шафқат буд. Чун ислом омад, ин маъно ба тамом тағйир ёфт ва мафҳуми дигарро бар худ гирифт. Пас ҳарб, яъне василаи имдод намудан ба мазлумин ва хору залил сохтани золимин, василаи муҳайё намудани амну амонӣ бар рӯйи замин, василаи барои барпо доштани адолат ва раҳонидани бечорагон ва нотавонон аз чанголи зӯрмандон гардид. Берун овардани бандагон аз ибодати бандагон ба сӯйи ибодати Худои ягона, раҳонидани бандагон аз ҷаври динҳо ба сӯи адолати ислом. Аз хисоли араб чунин набуд, ки яке пеши дигаре сар хам кунад ва таслим шавад, агарчи ҷангу куштор ба дарозо кашад, агарчи пули зиёд масраф шавад, ҷанг миёни Бакр ва Тағлиб дар ҷанги Басус 40 сол идома ёфт ва 70 ҳазор кушта ба ҷой гузошт, вале ҳеҷ як аз тарафҳои даргир ба тарафи муқобил сар хам накард ва таслим нашуд. Ҷанги байни Авс ва Ҳазаҷ беш аз 100 сол идома ёфт, вале ҳеҷ яке бар дигаре таслим нашуд, ки нашуд. Ин аст хислати арабҳои пеш аз ислом, яъне ҷангҳо ва таслим нашудан дар баробари душман. Баъд аз он Расули Худо(с) дар баробари онҳо аз дигар услуб кор гирифт ва пеш аз ин, ки сарзаминҳояшонро фатҳ кунад, дилҳояшонро тасхир намуд. Ҳар вақте натоиҷи ҷангҳои ҷоҳилият ба натоиҷи ғазавоти*

***исломӣ қиёс карда шавад, натоиҷи он аҷобат аст, чунки маҷмӯи кушташудагонро аз мусалмонон, мушрикон, яҳуд ва насоро дар тамоми ғазавот ҳудуди 1000 нафар аст ва муддате, ки ин ғазовот дар бар гирифтаанд, беш аз ҳашт сол нест. Вале дар замони андак ва бо рехтани хуни андак ислом тавонист тамоми ҷазираи Арабро таслими худ ва мутеи худ гардонад ва дар тамоми гӯшаву канор амнияту осудагиро таъмин намояд". (Шайх Сафиюрраҳмон Муборакпурӣ. Гулшани торих.-С. 297- 299).***

То ин ҷо сухан дар бораи шахсияти Муҳаммад(с) ҳамчун паёмбари сулҳ, дӯстӣ ва бародарӣ аз нигоҳи Қуръон, ҳадис ва китобу рисолаҳои таълифшудаи шахсиятҳои муътабари исломӣ рафт ва мо метавонем, садҳо мисол аз нигоштаҳои шахсиятҳои ғайриисломӣ биёварем. Масалан, дар таълифоте, ки ба забони русӣ дар хусуси ислом чоп шудааст ва муаллифаш Королёв К., мебошад, омадааст: ***«Дини ислом, ки дар асри VII-эраи мо пайдо шуд, хеле тез дар тамоми сайёра паҳн гардид. Тамаддуни масеҳӣ дар муддати XV аср ба миён омад, исломро бошад, аз он ки аз эътиқод ва эътимод ба дини ҷаҳонӣ табдил шавад, ҳамагӣ шаш аср лозим омад. Мавқеъ ва аҳаммияти тамаддуни исломӣ дар таърихи башарият он қадар барҷаста ва бузург аст, ки ин ҷиҳатро на зардуштия молик аст ва на масеҳият. Ин бузургӣ ва азамат боиси интишори он гардид, то ҳадде, ки агар эътиқодмандони ин дин дар миёнаи солҳои 80-уми асри XX дар ҷаҳон зиёда аз 800 млн бошанд, дар соли 2004 мувофиқи маълумоти «Китоби Гиннес» зиёда аз 1 миллиардро ташкил медиҳанд». (Ислам классичский: энциклопедия.-М.: Изд-во Эксмо; СПб.: Мидгард, 2005.-416с.-С.7-8).***

Гаравиши мардуми зиёди ғайри мусалмон ба ин дини ҳаниф дар солҳои охир шаҳодати ниёзи ҳамешагии инсонҳо ба таълимоти ростини Қуръон ва Паёмбари ислом(с) аст.

Ин гуфтаҳо ва ҳама навиштаҳои мақола исботи он ҳаққонияти амри Худо ба Паёмбари худ дар сураи «Наср» мебошанд, ки:

(Чун фатҳу пирӯзии Худо фаро расад ва мардумро бинӣ, ки фавҷ-фавҷ ба дини Худо дар меоянд, пас ба ситоиши Парвардигорат тасбеҳ гӯӣ ва аз Ӯ омӯрзиш бихоҳ, ки Ӯ тавбапазир аст).

Шахсияти ҳазрати Муҳаммад(с), ҳикмату фалсафаи рӯзгор ва рисолати ҷовидонаи вай донишмандони бузурги ҷаҳонии ғайримусулмонро низ ба ҳайрат ва шигифт овардааст. Аксари онҳо суханони зиёди боарзиш дар васфи Расули акрам(с) гуфта, қисмате аз

эшон асарҳои баландпояи илмию фалсафӣ, ки аҳаммияти умумибашарӣ доранд, дар ин мавзӯъ эҷод кардаанд. Барои намуна гуфтаҳои Карл Маркс, Алфонс де Ламартин, Хюстин Смит, Херберт Ҷорҷ Велҷ, Ҳанри Массе, Ирвинг, Ҷон ди Финрет, Хеберт Вил, Ҷаво-ҳирлаъл Неҳрӯ, Бернард Шоу, Аня Бисани, Эдуард Гебин, Монте, Вилли Дюрант, Ренолд Ален Никсон, Лев Николай Толстой, Томас Корлейл, Гёте, Перси Сайкес, Густав Лубон, Луи Томас, Ҷон де Фин Рот, Харансиё Далбри ва даҳҳо шахсияти дигарро метавон мисол овард. Мо имкони шарҳу эзоҳ ва тавзеҳи гуфтаҳои ҳамаи онҳоро ин ҷо надорем ва фақат суханони ду нафари онҳо: Лев Николаевич Толстой ва Гётеро ки осору эҷодашон бештар ба мардуми мо ошно аст, иқтибос меорем.

Нависандаи машҳури рус Толстой озору шиканҷаҳои зиёде аз ҳамсар ва атрофиёнаш дид. Вақте ки дар узлат ва танҳоӣ ранҷ мебурд ва аз касе марҳамату шафқатро надид, бузургӣ ва ниёзи худоҷӯиро бештар эҳсос кард ва ин ҳамаро дар таълимоти ислом ва Паёмбари акрам(с) дарёфт ва дар чандин мактуби пешазмаргиаш васият кард ва гуфт, ки ***«Хоҳиш дорам маро пайрави Муҳаммад(с) шуморед (Прошу считат меня… магометанином)».*** Ҳарчанд, ки пайравони масеҳият аз рӯйи ғараз ва адовату душманӣ ин гуфтори ӯро дар пиронсолӣ аз ақл бегонашавии Толстой маънидод кардаанд, ки ин дурӯғи маҳз аст. Аз суханони ӯянд, ки гуфтааст: ***«Ҷойи ҳеҷ гуна шакку шубҳа нест, ки Паёмбари ислом аз бузургони муслиҳини дунё аст, он ҳам муслиҳе, ки ба ҷомеаи башарият хидмати шоёне кардааст. Ва ин ифтихорот ва бузургӣ барои ӯ бас аст, ки як миллати хунрез ва ваҳширо аз ҷанголи аҳриманонаи одатҳои зишт бираҳонд ва роҳи пешрафтро ба рӯйи онон боз кард ва ҳоло он ки марди одӣ наметавонад ба чунин кори шигарфе иқдом кунад ва натиҷа бигирад. Бинобар ин, шахси боризи Паёмбари ислом сазовори ҳама гуна эҳтиром ва икром мебошад. Шариати паёмбари ислом ба иллати тавофуқи он бо ақлу ҳикмат дар оянда оламгир хоҳад шуд». (Божественные чудеса. Наука и факты свидетельствуют: "Нет бога кроме Аллаха, Мухаммад-посланник Аллаха". /Составитель Г. Ичалов.-Махачкала: Исламская типография "Ихлас".- 2006.-С. 36-37).***

Шоири шаҳири олмонӣ Гёте бошад, навиштааст: ***«Мундариҷоти китоби Қуръон… моро ба шигифт меоварад ва саранҷом ба таъзим ва эҳтиром бармеангезад. Аз ҳамоқатҳои одамист, ки танҳо ақидаи шахсии худро ситоиш кунад. Маънои ислом таслим шудан ба иродаи***

***Худованди ҷаҳон мебошад, пас мо ҳамагӣ дар ислом зиндагӣ мекунем ва мусулмон мемирем». ( Божественные чудеса. Наука и факты свидетельствуют: "Нет бога кроме Аллаха, Мухаммад-посланник Аллаха". /Составитель Г. Ичалов.-Махачкала: Исламская типография "Ихлас".- 2006.-С. 38-39).***

Аз ҳама аҷибаш ин аст, ки тибқи навиштаи китоби "Муъҷизоти илоҳӣ" вақте олим ва нависандаи амрикоӣ Майкл Хорт хост ***номи 100*** нафар шахсиятҳои маъруфу барҷастаи таърихи башариятро аз рӯйи дараҷаи бузургӣ ва хидматашон дар арсаи таърих пайдо кунад, дар компютер аз ҳама пеш номи Муҳаммад(с) рӯ зад, ки ҳамагонро моту маҳбут сохт. Аз аввал онҳо ин ҳодисаро хатои компютер донистанд, вале бо санҷишу озмоиши чандин карата, ки фақат номи "Паёмбар Муҳаммад(с)" баромад, ба бузургӣ ва шаҳомати Расули барҳақи Худо яқин ва боварӣ ҳосил карданд.

Рамзи дигари ҳодии сулҳ, дӯстӣ ва бародарӣ будани ҳазрати Муҳаммад (с) барои муслимин ин номгузорӣ бо исми Муҳаммад дар ному насаб ва хонавода мебошад. Номи Муҳаммад(с) манбаи ифтихор, имондорӣ, садоқат, ҳамбастагӣ, тавоноӣ, қудрат, файзу баракат, хушнудию хушбахтӣ барои ҳар як хонавода маҳсуб мешавад.

Ин номгузорӣ нишонаи эҳтиром ва муҳаббати беандозаи уммат нисбат ба пешвои муслимин аст. Садҳо абармардони илму фарҳанги Арабу Аҷам, ва шахсони қаторӣ исми Муҳаммадро дар шаҷараи авлодии хеш номгузорӣ карданд. Қисми зиёди шоирон аз Рӯдакӣ то ба Мавлонои Рум ва то ба Муҳаммад Иқбол дар кунияти худ номи Муҳаммад доранд, файласуфон Форобӣ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Рушд, Ибни Халдун, Ибни Боҷа, Ибни Туфайл ва дигарон. Мутакаллимон Муҳаммад Ғазолӣ, Муҳаммад Шаҳристонӣ, Фахриддин Муҳаммад Розӣ ва ...

Муфассирон: Абуҷаъфар Муҳаммад Ибни Ҷарир ат-Табарӣ, Имом Фахрӣ Розӣ, Имом Қуртубӣ, Байзовӣ, Ҷалолуддин Суютӣ, аллома Девбандӣ..., муҳаддисин: Исмоил Ҷаъфари Бухороӣ, Ибни Моҷа, Тирмизӣ ва дигарон. Дар ин радиф номи садҳо намояндагони маъруф ва барҷастаи илмҳои мухталиф, фарҳангу адаб, олимону файласуфон, шоирону нависандагон ва умуман меросбардорони тамаддуни мардуми мусалмонро дар ақсои олам метавон ном бурд, ки исми Муҳаммадро ба хотири садоқату эҳтиром ва дӯстдорию муҳаббат нисбат ба пайғамбари Худо(с) дар ному насаби худ гузоштаанд. Ба замми ин муҳаббат, ин дилбастагӣ ва эҳтирому садоқат дар

байни мардуми мусалмон то ҷоест, ки дар хонадоне, ки аз ҳақиқати таълимоти исломӣ ва рисолату нубуввати Расули акрам (с) бохабаранд, агар аз ду писар зиёд таваллуд шавад, ба яке аз онҳо номи Муҳаммад гузошта мешавад. Аз ин ҷост, ки мардум дар симои Муҳаммад(с) ва номи ӯ саодату фазилат, хайру баракат, эҳсону мурувват, адлу дод, тинҷию осудагӣ, сулҳу амонӣ, бародарию баробарӣ, ибодату рисолат, худшиносию худошиносиро мебинанд. Ин мисолҳо исботи онанд, ки номи Муҳаммад (с) дар баробари мояи сарфарозӣ аломати эътиқод ва эътимоди муслимин дар роҳи эҷод ва таъмини сулҳ, дӯстӣ, бародарӣ, ҳамбастагию ҳамдилӣ, ваҳдат ва иттиҳод аст.

Ин буд рисолати таърихӣ ва ҷовидона, рисолат ва нубуввате, ки оламро тасхир кард ва мекунад ва рисолате, ки аз ибтидо то ба интиҳои олам сулҳ, дӯстӣ ва бародарие, ки аз рӯи қонуни ислом-Қуръон сурат мегирад, мояи саодат ва хушбахтии инсоният мешу-морад.

Донишманди эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ менависад: ***«Расули акрам дар соли 11-уми ҳиҷрӣ, яъне 11-ум соли ҳиҷрат, аз Макка ба Мадина, ки бисту савумин соли паёмбарии ӯ ва шасту сеюумин сол аз умраш буд, даргузашт, дар ҳоле, ки ҷомеаи навбунёд ва мамлӯ аз нишоти рӯҳӣ ва муъмин ба як идеулужии созанда, ки эҳсоси масъулияти ҷаҳонӣ мекард, таъсис карда ва боқӣ гузошта буд. Он чӣ ба ин ҷомеаи навбунёд рӯҳи ваҳдату нишот дода буд, ду чиз буд: Қуръони карим, ки ҳамвора тиловат мешуд ва илҳом мебахшид ва дигар шахсияти азиму нофизи Расули акрам(с), ки хотирҳоро ба худ машғул ва шефта нигоҳ медошт». (Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ваҳӣ ва нубуввват. –Душанбе: Ройзани фарҳангии ҶИИ дар Тоҷикистон, 1999.-С. 117-118).***

Дар хусуси шахсияти Расули акрам(с) гуфтаҳо ва навиштаҳо зиёданд, вале барои хулосаи ин мақола иқтибосеро аз китоби «Зиндагиномаи Муҳаммад» авло донистам, ки чунинаст: ***«Асосе, ки Муҳаммад барои тамаддуни ислом устувор сохт, дар гуфторе, ки Алӣ ибни Абутолиб аз ӯ нақл мекунад, ба хубӣ ошкор аст. Алӣ аз равиши ӯ пурсид, ҷавоб дод: «Маърифат сармояи ман аст, ақл асоси дини ман аст, муҳаббат асоси кори ман, шавқ маркаби ман, ёди Худо аниси ман, эътимод ганҷинаи ман, ғам рафиқи ман, илм ҳарбаи ман, сабр ридои ман, ризоят ғанимати ман, фақр ифтихори ман, зӯҳд ҳирфаи (касб) ман, яқин қудрати ман, ростӣ шофеи ман, ибодат***

***мояи кифояти ман, кӯшиш фитрати ман аст ва хушнудии ман дар намоз аст». (Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷ. 1- С. 236).***

Вале бо ин ҳама гуфтаҳо ва сифоту ситоиши шахсияти Расули акрам(с) боз ҳам комилтарин ва нодиртарин суханон гуфтаҳои Худованд дар каломи хеш аст, ки Паёмбари худро дар оятҳои сураҳои зиёди он васф намудааст. Ҳарчанд шахсиятхои бузурги исломӣ ва ғайриисломӣ таълифоти гуногун ва китобҳои чандҷилдаро дар бораи сирату сурати Паёмбар(с) иншо кардаанд, вале ҳамаи он бар пояи як ояти қуръонӣ, ки Худои азза ва ҷалла шахсияти ***ин «Пайкари нур»-ро бо мазмуни: "Ва мо арсалнока илло раҳматан ли-л-ъоламин" ва ё "Ва иннака лаъало хулуқин азим" ва ё бо номҳои "шоҳид", "башир", "назир", "сироҷи мунир"*** ва ғайра сутудааст, намерасанд ва нахоҳанд расид. Муфассирон ва донишмандони улуми қуръонӣ дар тафсири сураҳои зиёди қуръонӣ аз ҷумла дар тафсири сураи "Иншироҳ", мақому манзалати Расули Худоро бисёр олӣ ва ибратбахш қаламдод кардаанд. Аллома Суютӣ дар китоби "Итқон" тафсири кӯтоҳе ба ин мазмун дорад: ***"Абӯаъло ва Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз Абӯсаъид ривоят кардаанд, ки Расулуллоҳ(с) фармуд, Ҷабриил ба наздам омад ва гуфт: "Парвардигори ту мегӯяд:- Оё медонӣ чӣ гуна ёд ва номи ту боло бурдам? Гуфтам: -Худо беҳтар медонад. Гуфт:- Ҳар гоҳ ёд мешавам, Ту низ бо ман ёд мешавӣ". (Ҷалолуддин Абдурраҳмон Суютӣ. Ал-Итқон фӣ улум-ил-Қуръон. Ҷ.2. Тарҷумаи Саид Маҳдӣ Ҳоири Қазвинӣ.-Теҳрон: Амири Кабир, 1384.-С. 644-645).***

Дар ояти 31-уми сураи "Оли Имрон" Худои бузург ба Паёмбараш амр мекунад:

(Бигӯ, (эй Муҳаммад(с)) агар Худоро дӯст медоред, аз ман пайравӣ кунед, то Худо низ шуморо дӯст дорад ва гуноҳонатонро биёмурзад, ки Худо омурзанда ва меҳрубон аст).

Ҳикмат ва маънии ин ояти карима низ ба даъвати мардум барои шинохти воқеӣ ва ҳақиқии мақом ва манзалати Расули Худо(с) нигаронида шудааст, то он ки эҳтиром ва ҳурмати Ӯ(с) ҳамеша ба ихлос ва эҳтимоми қавӣ ба ҷой оварда шавад. Аз ин ҷо, ки Қуръони карим сарчашмаи аввалину охирини шинохти фалсафаи рӯзгор ва зиндагии Паёмбари акрам(с) мебошад, ҷои баҳсу мунозира нест. Сухани Худост:

(Бузург аст он Худое, ки Фурқонро бар бандаи Худ нозил кард, то ҷаҳониёнро бимдиҳандае бошад. Он ки аз они Ӯст мулки осмонҳову

замин ва фарзанде нагирифтааст ва Ӯро шарике дар мулк нест ва ҳар чизро офарида ва онро ба андоза офаридааст. Сураи “Фурқон”, оятҳои 1-2).

Шинохти шахсияти Расули акрам(с) аз рӯйи Қуръон фақат бо ин мухтасаре, ки мо арза намудем, ба итмом намерасад, чун дар каломи илоҳӣ сурае нест, ки яке аз ҷанбаҳои ҳаёту рӯзгор, кору пайкор, сифату хислат, рисолату асолати Ӯро фаро нагирифта бошад. Ба гунаи мисол ояти 6-уми сураи "Аҳзоб" афзалияти мақоми Паёмбар(с) ва ҳамсарони ӯро, ки модарони мусулмонон маҳсуб мешаванд, оятҳои 4, 5, 36, 37, 38, 39, 40-уми ҳамин сура шахсияти Зайд ибни Ҳориса-писархонди Ӯ (с) ва моҷароии оилавии вай бо ҳамсараш Зайнаб, нузули оят ба Паёмбар(с) дар бораи ба ҳамсарӣ гирифтани Зайнаб бинти Ҷаҳш-зани талоқшудаи Зайд, оятҳои сураи "Зуҳо" ваъдаҳои Худовандро барои эшон, оятҳои аввали сураи "Исро" исрои он Ҳазрат(с) ва дигару дигар масоили зиндагии ибратбахши ҳабибу баргузидаи Худовандро тасвир кардаанд, ки ҳар кадом таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши алоҳидаро тақозо менамояд.

Аз он чӣ, ки дар бораи шахсияти Расули акрам(с) дар Қуръон арза намудем, аён мегардад, ки яке аз умуре, ки боиси тақвияти имони фарди муъмин ва асли ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносияш мешавад, шинохти Паёмбари акрам(с) бо ахлоқи воло ва авсофи бузургаш мебошад. Касе, ки Паёмбари акрам(с) ва сифот ва ахлоқи сутургашро бишиносад, дар садоқати Ӯ ва ҳамчунин дар дурустииончи, ки ишон аз Китоб ва Суннат ва дини ҳақ овfinalданд, ҳеҷ шакк ва тардиде нахоҳад кард.